## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи **«Оғози Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).ш. Душанбе, 2025. 87 сах

**Мубраммияти таҳқиқот.** Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар **«Оғози Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)»** дар зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илмҳои педагогӣ зарурате ба миён омад, ки раванди таълиму тарбия ва ташаккули педагогикаи миллиро дар даврахои гуногун мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода, барои тарбияи насли наврас, ки дар бунёди давлатдории миллӣ неруи созандаву қавитарини ҷомеа ба ҳисоб меравад, арзишҳои бостониву асримиёнагӣ, муқаддасоти миллии даврони наву навтаринро, ки ҷавобгӯи талаботи фарҳанги миллӣ ва ҷаҳони муосир буда, миллатро аз хатарҳои ҷаҳонишавӣ эмин нигоҳ медоранд, пайдо ва дар раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот татбиқ намояд. Зеро, омӯзиши афкори педагогӣ дар ин даврони дигаргуниҳои қатъӣ дар ҷомеаи миллӣ, ки бо такя ба анъанаҳо ва мероси ғоявию маънавии наслҳои бостонӣ роҳи рушди ояндаи миллат равшан гардид, имрӯз аҳамияти муҳимро касб мекунад.

Диссертант қайд менамояд, ки муттаасифона, нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар асрҳои IX-XI дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ ба таври зарурӣ инъикоси худро наёфтааст. Ба андешаи муҳаққиқ, истифода аз ин мерос дар замони муосир ба таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории миллӣ, ташаккули созандагию бунёдкории мардум, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ватандорӣ ва ҳуввияти миллӣ мусоидат намуда, дар бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ нақши муассир мегузорад. Ҳамчунин, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки бо диди нав, ҳамаҷониба ва ба таври мукаммал баррасӣ намудани масъалаи нақши Эҳёи Аҷам ва давлати Сомониён дар ташаккули афкори педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асоси осори адибон ва мутафаккирони барҷастаи ин даврон дар илми педагогикаи муосири тоҷик тақозои замон мебошад.

**Сохтор ва мундаричаи диссертатсия**. Сохтор ва мундариҷаи рисолаи илмӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 211 номгӯй, матни кор дар 169 саҳифаи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлилу баррасӣ ва робитаи он бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дар он объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсади он, вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи он, асосҳои назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи он, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба

Дар боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик дар сароғози Эҳёи Аҷам»** - мафҳуму моҳияти Эҳёи Аҷам, заминаҳо ва иртибот бо педагогикаи миллӣ, нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик, арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ масъалаҳои дигари дахлдор таҳлил карда шудааст. Диссертант дар боби мазкур таҳия ва нашри пажӯҳиши академии «Таълим ва тарбияи миллӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва аҳди Сомониён», корбасти унсурҳои таълимоти педагогии давраи Эҳёи Аҷам дар педагогикаи муосири тоҷик, таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами замони Сомониён арзишманд меҳисобад.

Боби дуюми диссертатсия **«Рушди афкори таълимию тарбиявии миллӣ дар сароғози Эҳёи Аҷам (асрҳои IX-XI)»** - ба таҳлили масъалаҳои рушди тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ дар даврони сомониён, проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам, дар самти таҳқиқи афкори миллии педагогӣ дар таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони даврони оғози Эҳёи Аҷам бахшида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таъкид менамояд, ки муҳаққиқонӣ моро лозим аст: андешаҳои донишмандони даврони Эҳёи Аҷамро дар масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи миллӣ ва худшиносиву худогоҳии насли ҷавон, ки аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини рушди ҷомеаи муосири мо ба ҳисоб меравад, бахусус, барои расидан ба ҳадафи стратегии давлати худ - ташаккули давлатдории миллӣ, рушди соҳаҳои гуногуни илм ба таври васеъ истифода намоянд.

**Навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Навгониҳои кори диссертатсионии муҳаққиқ дар он зоҳир мегарданд, ки: нақши давлати Сомониён, амирон ва вазирони сомонӣ, ки худ шахсан ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар рушди тарбияи маънавии ҷомеа дар партави омезиши анъанаҳои исломӣ ва мардумӣ саҳм гузоштаанд, кушода шудааст; арзёбии масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ вобаста ба даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам сурат гирифта, барои дурнамои рушди таҳқиқот дар ин самт пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шудаанд; ҳамчунин, вобаста ба проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам, инчунин дар таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони ин даврон сарчашмаҳои нав ва таҳқиқоти муосир ба арсаи таҳқиқи илмӣ ворид карда шудаанд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди таҳқиқи минбаъдаи мероси педагогии даврони Эҳёи Аҷам ва навиштани диссертатсияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, курси лексияҳо дар соҳаи педагогика мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки модул, методика, барномаҳои таҳияшуда

метавонад дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ, низоми такмили ихтисос, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби омӯзгорон, методистон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ истифода бурда шаванд. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада ва саҳеҳияти онҳо бо заминаи омӯзиши илман асоснокшуда ва ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои таърихию бадеӣ, илмӣ, бо усули муносибати системанок, бо таҳлили шароитҳои объект ва предмети таҳқиқот, бо истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавии педагогию арзишшиносӣ (аксиологӣ) муайян мегардад.

**Натиҷаҳои умумӣ ва хулоса.** Ҳамин тавр, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос намуда, инчунин таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, диссертатсияи Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи **«Оғози Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

**Муқаррizи ғайрирасмӣ:**


Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Абдураҳимзода Қ.С.

*Имзои Қ.С. Абдураҳимзодаро тасдиқ мекунам:*
Сардори ШК ва КМ-и МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
Тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.


«_8_» _августи_ 2025 с.